*Стандартҳо - кафили пешрафти ҷомеа*

# Стандарт

www.standard.tj /// E-mail info@standard.tj

НАШРИЯИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ

№2 (02) 31 январи соли 2022



***Захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳанд, ки тавассути коркарди пурраи маъдан, аз ҷумла металлҳои рангаву қиматбаҳо, инчунин, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш соҳаҳои саноати металлургия, сабуку хӯроквориӣ ва дорусозӣ рушд намуда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот афзоиш ёбад ва саноатикунонии босуръати мамлакат таъмин карда шавад.***

**Эмомалӣ РАҲМОН**



## Мавқеи зан - дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат

«Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем».

**Эмомалӣ РАҲМОН**

## Регламенти техникӣ

Таъминкунандаи талаботи бехатарии мол



Нигаред ба саҳ.3

## Ташхиси саҳеҳ - кафолати таъмини саломатии мардум



Нигаред ба саҳ.4

## Намунагирии маҳсулоти хӯроквориӣ барои ташхисҳои озмоишгоҳ



Нигаред ба саҳ.5

# МАВҚЕИ ЗАН - ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**Шерзода Ситора,**
муовини директори Агентии Тоҷикстандарт

> «Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем».
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**

**Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону духтарон дар ҷомеа мақоми хосса пайдо намуда, дар дилхоҳ самту соҳа кору фаъолияти назаррас доранд.**

Воқеан дар давраҳои гуногун ва то ҳол занону модарон дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла занҳое, ки масъулияти роҳбарӣ доранд, дар қатори мардон бо далерию шуҷоати худ, дар таъмини озодиву истиқлолият ва оромиву суботи сарзамини аҷдодӣ саҳми арзишманд гузоштаанд, ҳамзамон, бо нерумандии ба худ хос дар самтҳои гуногун, ба хусус илм, варзиш, фарҳанг, маориф, тандурустӣ тавонистаанд, ки Тоҷикистони азизи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ низ муаррифӣ намоянд.

Дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат ба мақоми баланди бонувону занон дар ҷомеа таъкид намуда, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин, дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург арзёбӣ карданд.

Ҳамчунин, қайд карданд, ки имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд. Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд.

Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Маҳз ба ҳамин хотир, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон, аз ҷумла дар мансабҳои роҳбарикунанда ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

«Мо бояд як нуктаи муҳимро ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки зан - модар мавҷуди муқаддас мебошад ва ҳамаи сиёсатмадорону донишмандон ва бузургони олам, аз ҷумла Пайғамбари ислом аз домани поки модар ба дунё омадаанд ва бо шири ҷонбахши ӯ бузург шудаанд.

Дар воқеъ, мақоми зан - модар дар ислом бисёр баланд мебошад ва беҳуда нест, ки дар Қуръони карим сураи чаҳорум бо номи «Нисо» (занон) нозил шудааст. Бинобар ин, ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад»-изҳор доштанд, Пешвои миллат дар Паёми худ.

Боиси хушнудист, ки дар бунёди ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба маърифати



занону духтарон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Зеро зани маърифатнок метавонад бо заковату ҳушмандӣ на танҳо мавқеи пешоҳангӣ дошта бошад, балки ҷомеаро тарбият намояд.

Тавре маълум аст, дар давраи пеш аз соҳибистиқлолии кишвар дар навоҳии дурдасти кишвар шумораи занони хонашин ва аз таҳсил дурмонда хеле зиёд буданд. Занҳо имкони аз хона берун шудан ва ё ба ягон кори давлатӣ машғул шуданро надоштанд, хушбахтона бо бадаст овардани истиқолият ва раҳнамоиҳои хирадмандонаи Пешвои миллат ин ҳама тангнигариҳо қариб, ки аз байн рафт. Имрӯзҳо занони кишвар вазифаҳои муҳими давлатиро пеш мебаранд. Дар баробари ин роҳбарии як қатор самту соҳаҳо ба уҳдаи занон вогузор шудааст, ки ин ҳама нишонгарии волоияти ҳуқуқи онҳо ва арҷу эҳтиром ба занон аст. Бешак, ғамхорӣ ба зан - модар ин ғамхорӣ баояндаи миллат мебошад.

Бояд қайд кард, ки зани тоҷик бо хираду офаридгорӣ, меҳру муҳаббат, самимият, иффату ахлоқи ҳамида мардони баруманд ва қаҳрамонони миллати тоҷикро ба дунё овардаву парвариш кардааст, ки имрӯзҳо бо шоҳкориҳои ин мардони наҷиб миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ шудааст. Ҳамин аст, ки нақши зан-модар дар ҷомеаи мо эътирофу эҳтироми баланд дорад, метавон онро машъали роҳи маърифат ҳамеша фурӯзону тобанда хонд.

Дар зиндагӣ маърифатнок будани зан хуб аст, сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон ва дигар аъзои оила маърифатнок тарбият меёбанд. Ин талабот асоси фарҳанги оиладориро ташкил медиҳад. Аз чӣ гуна таълиму тарбия намудани насли наврасояндаи ҷомеаи мо вобастагӣ дорад ва агар имрӯз мо ҷавононро саводноку донишманд ба воя расонему онҳоро дар рӯҳияи худшиносиву эҳтиром ба дастовардҳои замони Истиқлолият тарбия кунем, пасояндаи дурахшоне моро дар пеш аст. Аз ҳамин ҷиҳат барои тарбияи дурусти насли наврас тамоми ҷомеа, махсусан занону модарон вазифадор буда, дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандорӣ, пешгирии амалҳои ифротгароию террористӣ ва дигар амалҳои номатлуб бояд ҳамагон ташаббус нишон диҳем.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони мамлакат, ҳамзамон, пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шудааст ва бешубҳа дар татбиқи қонунгузориҳои мазкур нақши занону модарон дар мадди аввал меистад.

Зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор дар муассисаҳои давлатӣ ва хидмати давлатӣ пурманфиат арзёбӣ мешавад. Имрӯз боиси сарфарозист, ки дар байни коллективи мо низ сафи занҳо чи аз ҳисоби мутахассисон ва чи роҳбарон афзуда, дар пешбурди фаъолияти Агентӣ саҳми назаррасеро соҳиб шудаанд.

Аз ин лиҳоз, бо дастгириву ғамхориҳои Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо занону модарони хушбахти даврони Истиқлолият бо шукргузорӣ аз ин неъмати бебаҳо барои таҳким ва пойдории он ҳамеша сипар бошем. Бигзор аз нури хуршеди Истиқлолият Нишони пурҷило ва Парчами парафшони давлати соҳибихтиёри мо сарбаланд бошад ва аз шуълаи ҳаётбахши он рӯзгори мардуми кишвар осоишу баракати тоза пайдо намояд.

# МАШВАРАТ ИДРОКУ ҲУШЁРӢ ДИҲАД...

**Бо мақсади баррасии фаъолияти шуъбаю бахшҳои баҳодиҳии мутобиқат ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар марказҳои вилоятию минтақавӣ, дар Агентии Тоҷикстандарт аз ҳисоби масъулини соҳа гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.**

Тибқи нақша мутахассисони раёсати баҳодиҳии мутобиқати дастгоҳи марказии Агентӣ ба Маркази стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Хатлон, Раёсати минтақавии Тоҷикстандарт дар шаҳри Кӯлоб ва маркази ташхисии минтақавии Шаҳритус сафарбар гардиданд.

Дар раванди гузаронидани санҷишҳо фаъолияти шуъбаю бахшҳои марказҳои мазкур, риояи талаботи қонунгузорӣ ва дастурамалҳо дар пешбурди кор, тартиби сертификаткунонӣ, ҳамкорӣ бо намояндагони дидбонгоҳҳои гумрукӣ, татбиқи низоми «Равзанаи ягона», барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сертификаткунонӣ, тартиби китобҳои бақайдгирии силсилаи сертификатҳо ва дигар самтҳои марбута мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Дар робита ба ислоҳи камбудию норасоиҳо ва минбаъд тақвият додани фаъолияти соҳа аз ҷониби коршиносон ба мутахассисони марказҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ доир гардида, ҳамзамон, ҷиҳати татбиқи саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ тавсияҳо дода шуд.

Бояд қайд кард, ки роҳандозӣ намудани иқдоми мазкур дар дигар марказҳои зертобеи Агентӣ низ ба нақша гирифта шуда, такмил додани донишу таҷрибаи тахассусии кормандон, дар ин замина ба танзим даровардани фаъолият барои пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

# РЕГЛАМЕНТИ ТЕХНИКӢ

## ТАЪМИНКУНАНДАИ ТАЛАБОТИ БЕХАТАРИИ МОЛ



**Ашурзода Суҳроб,**
сардори Раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонии Агентии Тоҷикстандарт

Регламенти техникӣ ва стандартҳоро ҳамчун баҳои мувофиқ ба мол барои таъмини бехатарӣ дар савдои ҷаҳонӣ меноманд. Мавридҳое мешавад, ки дар ин ё он бозор, як қатор корхонаҳо маҳсулоти гуногунро дохил мекунанд. Тавре маълум аст, ки истеъмолкунанда, яъне харидор маҳз ҳамон молеро интихоб мекунад, ки аз дигараш дида беҳтару хубтар бошад. Аз ин нуқтаи назар, истеъмолкунанда дар интихоби мол озод буда, то кадом андоза зиёновар ва фоиданок будани онро аввал худаш ҳал мекунад. Вале ҳақиқат он аст, ки бозор ҳамеша диққати харидорро сарфи назар аз сифати маҳсулоташ ба худ ҷалб мекунад. Вобаста ба ин як механизме зарур аст, ки талаботи бехатарии молро таъмин кунад. Роҷеъ ба ин мавзӯъ мо тасмим гирифтем, ки бо сардори Раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонии Агентии Тоҷикстандарт Ашурзода Суҳроб мусоҳиба анҷом диҳем, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагон месозем.

**- Ашурзода Суҳроб, нахуст, худи мафҳуми регламенти техникиро шарҳ медодед?**

- Регламенти техникӣ ин санади меъёрии техникӣ, ки дар ҷараёни бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста бо бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад.

Таҳия ва қабули регламентҳои техникӣ дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдароии техникӣ» амалӣ карда мешавад. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки ҳангоми таҳия ва тасдиқи талаботи техникии иҷрояшон ҳатмӣ нисбат ба маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ ба амал меоянд, танзим намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро муқаррар менамояд.

Дар асоси муқаррароти қонуни мазкур ба объектҳои бамеъёрдарории техникӣ - ин маҳсулот ва тамоми ҷараёнҳои ба он вобаста дохил мегардад, чунончӣ ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, истифодаи партовҳои маҳсулот. Регламенти техникӣ дар қисмати бехатарӣ талаботи техникиро нисбати маҳсулот ва ҷараёни вобаста ба он муқаррар менамояд. Талаботи техникӣ - бошад ин меъёр, қоида, хусусият ва (ё) талаботи дигари техникӣ нисбат ба объектҳои бамеъёрдарории техникӣ мебошад.

**- Регламенти техникӣ аз кай дар ҷумҳурии мо амал мекунад?**

- Бояд қайд кард, ки бо мақсади бартараф намудани монеаҳои техникӣ дар савдо дар ин замина шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳанӯз дар соли 2010 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди Инфрасохтори сифат ва Нақша чорабиниҳои ислоҳоти соҳаи танзими техникӣ қабул ва татбиқ гардида буд. Маҳз дар доираи татбиқи стратегя ва нақшаи мазкур қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» бо таҳрири нав ва қонуни нав «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи стандартонӣ" тартиби таҳия ва қабули стандартҳоро ба танзим даровaрда, принсипи интихоби ихтиёрии стандартҳоро барои тарафҳои манфиатдор муқаррар намуд.

Бо мақсади муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ дар самти таъмини бехатарӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" дар асоси низомҳои муқаррарнамудани созишномаи СУС оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо таҳия ва қабул карда шуд. Бо дарназардошти он ки тибқи талаботи қонунгузорӣ иҷрои стандартҳо характери ихиёрӣ касб намуданд, зарурат ба миён омад, ки барои ба танзим даровардани сифат ва бехатарии молу маҳсулот муваққатан номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ талаботашон ҳатмӣ яъне регламентҳои



техникии муваққатӣ таҳия ва барои қабул ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Ҳамин тариқ, бо ин мақсад қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ" таҳти №704 аз 30 декабри соли 2009" бо тағйироти 1200 стандартҳои байнидавлатӣ, давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ ҳамчун регламентҳои техникии муввақатӣ қабул карда шуд.

Метавон гуфт, ки аввалин регламенти техникӣ яъне регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ" дар 3 январи соли 2014 таҳия ва қабул карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки дилхоҳ регламенти техникии қабулгардида бо дарназардошти мутобиқгардонӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор баъд аз 6 моҳ мавриди амал қарор дода мешавад.

**- Самти назорати регламенти техникӣ чӣ гуна аст?**

- Дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» назорати давлатӣ оид ба риояи ҳатмии талаботи регламентҳои техникӣ ба зиммаи мақоми ваколатдор дар соҳаи бамеъёрдарории техникии Агентии Тоҷикстандарт вогузор карда шудааст. Ҳангоми назорат талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ нисбат ба маҳсулот ва тамоми ҷараёнҳои ба он вобаста дохил мегардад, санҷида мешавад.

**- Мегуфтед, ки дар ҳудуди кишвар татбиқи регламентҳои техникиро ғайри Тоҷикстандарт боз кадом ниҳод амалӣ менамояд?**

- Бо дарназардошти талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ дигар мақомоти назоратӣ низ метавонад татбиқи регламенти техникиро амалӣ созад. Масалан, дар регламентҳои техникии «Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ», «Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ» талаботҳои санитарӣ, беҳдоштӣ ва байторӣ муқаррар гардидааст, ки дар ин самт Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ назоратро ба роҳ мемонанд.

**- Регламенти техникӣ аз стандарт чӣ фарқ дорад?**

- Чӣ тавре дар боло қайд намудем, стандарт ин ҳуҷҷати меъёрии техникии интихобаш барои истифода ихтиёрӣ буда, регламенти техникӣ ин ҳуҷҷати меъёрии техникии талаботаш ҳатмӣ мебошад.

**- Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадар регламентҳои техникӣ амал мекунад?**

- Дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" 19 адад регламентҳои техникӣ таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.

■ **Номгӯи регламентҳои техникии амалкунанда:**

«Тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ»
«Бехатарии бензини автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ, мазут ва сӯзишворӣ мазут ва сӯзишворӣ барои муҳаррикҳои реактивӣ»
«Бехатарии мавод ва маҳсулоти сохтмон»
«Бехатарии маҳсулоти шарбатӣ аз мева ва (ё) сабзавот»
«Бехатарии хӯроки чорво ва иловагиҳои он»
«Бехатарии газҳои моеи карбогидридӣ»
«Бехатарии таҷҳизоти пастшиддат»
«Бехатарии асбобҳое, ки бо сӯзишвории газмонанд кор мекунанд»
«Регламенти техникии бехатарии маҳсулоти таъиноти кӯдакон ва наврасон»
«Бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ»
«Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ»
«Бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ»
«Бехатарии борҷома»
«Бехатарии бозичаҳо»
«Бехатарии маҳсулоти мебелӣ»
«Бехатарии Маҳсулоти тамоку»
«Бехатарии гази табиии сӯзандаи барои интиқол ва истифодабарӣ омодакардашуда»
«Бехатарии орди ғанигардонидашуда»
«Бехатарии маҳсулоти машрубот».

**- Оё барои риоя накардани он ягон чораандешӣ сурат мегирад, яъне муҷозот пешбинӣ гардидааст?**

- Бале, барои риоя накардани талаботи ҳатмии регламентҳои техникӣ тибқи муқаррароти моддаи 625 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷаримабандӣ пешбинӣ карда шудааст.

**- Ташаккур барои суҳбати хуб. Умедворем, ки хонандаи гиромии мо оид ба мафҳум ва паҳлуҳои регламентҳои техникӣ маълумоти муфассал пайдо карданд.**

**Мусоҳиб**
**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# ТАШХИСИ САҲЕҲ - КАФОЛАТИ ТАЪМИНИ САЛОМАТИИ МАРДУМ

**Дар заминаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ташхиси дақиқ ва истифодаи усулҳои муосир тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ барои муайян намудани бехатарии маҳсулоти воридотӣ ва истеҳсоли ватанӣ омили асосӣ буда, мусоидат намудан ба ташхиси саҳеҳ ва дар ин замина таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифату бехатар дар фаъолияти сохторҳои Агентии Тоҷикстандарт яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад.**

Дар арафаи таҷлили ҷашни 29 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон бинои нави маҷмааи озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ва санҷиши воситаҳои ченак, ки бо тарҳи муосир дар се ошёна бунёд шудааст, бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуд.

Метавон қайд кард, ки танҳо тавассути ташхиси дақиқ ва истифодаи усулҳои муосир муайян намудани сифати маҳсулоти воридотӣ ва ватанӣ имконпазир мегардад ва омилҳои пешгирикунанда имкон медиҳад, ки ҳуқуқи истеъмолкунанда таъмин гардад.

Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоишгоҳҳои Агентӣ ва марказҳои вилоятию минтақавии он бо дастгоҳҳои замонавии зудамал ҷиҳозонида шудаанд, ки сифатнокии намунаҳои ташхисиро дар кӯтоҳтарин муддат муайян мекунанд.

Озмоишгоҳи ташхиси маҳсулоти хӯроквории дар фаъолияти Агентӣ нақши муҳимро бозида, сол аз сол бо таҷҳизоти замонавию мутахассисони касбӣ таъмин ва доираи фаъолияташ васеъ мешавад, ки ин аз бисёр



ҷиҳат ба болоравии сифат ва тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз дар Маркази ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва молҳои ниёзи мардум мутахассисони соҳавӣ, кору фаъолият мебаранд, ки тибқи нақшаи тасдиқшуда, ташхисҳои муқоисавии дохилӣ ва байниозмоишгоҳии касбиро бо мақсади санҷиши дониш, дақиқии сифати кор ва баланд бардоштан сатҳи тахассусии худ анҷом медиҳанд.

Дар Маркази ташхисӣ усулҳое истифода бурда мешаванд, ки ба талаботи стандартҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд ва дар асоси онҳо маҳсулот баҳогузорӣ карда мешаванд.

Таҷҳизоти нави замонавӣ ба гузаронидани санҷиши молу маҳсулоти ғизоӣ ва дигар намуди молу маҳсулот ва пешгирӣ кардани хатар барои истеъмолкунанда, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Номгӯи нави таҷҳизоти озмоишӣ то имрӯз дар як қатор озмоишгоҳҳои Агентӣ фароҳам оварда шуда, дар ошкор кардани маҳсулоти сифатан паст пурсамар истифода мегардад.

Бартарии ин таҷҳизот нисбат ба таҷҳизоти дигар озмоишгоҳҳои ҷумҳурӣ дар он аст, ки бо истифодаи ҷунин дастгоҳҳо сифати ҳама гуна намуди маҳсулоти хӯрока санҷида, дар кӯтоҳтарин муддат он муайян карда мешавад.

Бо мақсади рушди Маркази ташхисӣ, таъмини бехатарии мол ва маҳсулоти ташхисшаванда, такмили сифат ва дақиқии ташхисҳо, иҷрои талаботҳои менеҷменти сифат ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани ташхисҳо оид ба муайян намудани антибиотикҳо, гармонҳо, витаминҳо, пестисидҳо ва дигар элементҳо пешбинӣ шудааст. Барои иҷрои ин вазифа дар Маркази ташхисӣ оид ба дастрас намудани таҷҳизот тибқи нақша корҳо идома доранд.

Яке аз самтҳои дастгирии соҳибкорон, сари вақт ва дақиқ аз санҷиш ва ташхис гузаронидани молу маҳсулоти онҳо дар озмоишгоҳҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, Агентии Тоҷикстандарт пайваста ба масъалаи рушд ва тавсеаи озмоишгоҳҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин аст, ки озмоишгоҳҳои Агентӣ, бахусус, озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯроквории дастгоҳи марказии Агентии Тоҷикстандарт, дар марказҳои вилоятии Тоҷикстандарт дар Суғду Хатлон ба талаботи стандарти байналмилалии ISO /МЭК 17025:2015 мутобиқ гардонида шуданд. Бо назардошти ин се озмоишгоҳи ташхисии Тоҷикстандарт (Душанбе, Хуҷанд, Бохтар) аз тарафи Маркази миллии аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон ТОО «НЦА», ки аъзои комилҳуқуқи ташкилоти байналмилалии "ILAK" мебошад, аккредитатсия шуда, ваколати байналмилалиро соҳиб гаштанд ва аз ҷониби коршиносон ба системаи рамзии намунаҳо ва ҷобаҷогузории менеҷерҳои сифат дар сохтори ташкилии Тоҷикстандарт баҳои хуб дода шуд.

Ин барои эътирофи ташхиси молу маҳсулоти ватанӣ дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Бояд зикр кард, ки барои нигоҳдории сатҳи баланди ташхисӣ ва иҷрои талаботи стандарти ISO /МЭК 17025:2013 мувофиқ ба нақша ва барномаи Маркази



**Ҳукуматуллозода Ҷаъфар,**
сардори Маркази ташхиси маҳсулоти хӯроквории Агентии Тоҷикстандарт

ташхисӣ аз тарафи мутахассисони таҷрибадор дар озмоишгоҳ аудити дохилӣ гузаронида мешавад.

Пешрафти илму техника ва дар ин замина рушди технологияи истеҳсоли молу маҳсулоти нави истеъмолӣ дар ҷаҳони муосир низ вусъат ёфтааст. Дар баробари ин роҳу усулҳои муайян намудани таркиби ингуна молу маҳсулот ҷиҳати безарар будани онҳо ба саломатии инсон вазифаи асосӣ ба шумор рафта, аз назорат берун мондани онҳо ба генофонди миллат таъсири манфӣ мерасонад.

Бо дарназардошти ин, дар соли нав мо тасмим гирифтем, ки мунтазам дар раванди фаъолият роҳу усулҳои нави муайян намудани таркиби маҳсулотро дарёфт намуда, ба мутахассисон омӯзонем ва оид ба дастрас намудан ва омӯхтани таҷҳизоти замонавӣ кӯшиш ба харҷ диҳем.

Раванди пешрафти ҷамъият аз мо тақозо менамояд, ки бо дили гарму масъулияти дучанд кору фаъолият намоем ва бахри он кӯшем, ки аз уҳдаи боварию эътимоде, ки Роҳбарияти Агентӣ ва аҳли ҷомеа нисбати мо зоҳир намудаанд, сарбаландона бароем ва кӯшиш намоем, ки дар татбиқи амалии вазифаву мақсадҳое, ки ба мо гузошта шудааст иҷро намоем.

# ТАҚВИЯТ ДОДАНИ ДОНИШИ КАСБӢ

**Раванди ҷаҳонишавӣ ва рушду инкишоф ёфтани илму техника зарурат пеш меорад, ки ба он ҳамқадам бошӣ, яъне ҳамеша пайи такмилу инкишоф додани фаъолияти худ, самти худ, соҳаи худ талош намоӣ. Вобаста ба ин, дар Маркази ташхисии Агентии Тоҷикстандарт ҳафтае як маротиба курси омӯзишӣ барои кормандони озмоишгоҳ бо ҷалби мутахассисони соҳаи алоқаманд (метрология, стандартизатсия) гузаронида мешавад. Бояд қайд кард, ки курси омӯзишӣ тибқи барномаи таҳияшуда ҷараён гирифта, мавзӯъҳо ба тариқи презентатсия ба иштироккунандагон пешниҳод мегардад.**

Ёдовар бояд шуд, ки вобаста ба пешравии технологияи ҳозиразамон, муҷаҳҳаз намудани тафсири нави таҷҳизот, зарфҳои озмоишгоҳӣ ва моводи кимиёвии зарурӣ барои ташхис мавзӯи муҳим буда, барои ҳамқадами замон шудан ва рақобатпазир будани озмоишгоҳ, инчунин, мутобиқ шудан ба талаботи байналмилалӣ омили асосӣ мебошад, ҳамчунин, фаъолияти озмоишгоҳ бе таҷҳизот, реактив ва зарфҳои зарурӣ ғайриимкон аст ва яке ҷои дигареро иваз карда наметавонад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дилхоҳ намуди ташхис тибқи талаботи ҳуҷҷати меъёрӣ (усули ташхис) таҷҳизот ва зарфҳои худро талаб менамояд, хусусан дар ҷодаи бехатарии маҳсулот, аз қабили муайян намудани пестисидҳо дар маҳсулоти кишоварзӣ, антибиотикҳо дар маҳсулоти гӯштӣ ва асали табиӣ, диоксиди сулфур дар меваҳои хушк, моддаҳои заҳрноки органикӣ дар нӯшокиҳои машруботӣ, энергетикӣ ва маҳсулоти таъиноти кӯдакон, аз ҷумла, бозичаҳо, микотоксинҳо дар маҳсулоти хӯрокворӣ ва дигар моддаҳо, ки барои ғанигардонидани маҳсулот истифода бурда мешавад. Вобаста ба ин мутахассисонро зарур аст, ки ҳамаи ин нозукиҳоро омӯзанд, дарк кунанд ва дар рафти фаъолияти корӣ риоя намоянд.

Дар баробари ин, мебояд ташкили курсҳои омӯзишӣ дар сатҳи байналмилалӣ равнақ дода шавад. Зеро он имкон медиҳад, ки мутахассисони мо дониши васеи ҷаҳонӣ пайдо кунанд, ки дар оянда дар фаъолияташон истифода баранд. Ин раванд барои омода намудани мутахассисони касбӣ дар самтҳои аудитор, менеҷер оид ба сифат (стандарти ИСО/МЭК 17025) заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар дигар ҳолат, вобаста ба тараққиёти техникаю технологияи ҳозиразамон усулҳои наву таҷҳизоти муосир дар истеҳсолот ҷорӣ гардидааст ва омода намудани мутахассисон дар ин самтҳо низ лозим ва зарур дониста шуд, то ин ки аз дигаргуниҳои дар соҳа ба миён омада огоҳ бошанд.

# НАМУНАГИРИИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ БАРОИ ТАШХИСҲОИ ОЗМОИШГОҲ

**Ташхиси маҳсулоти хӯроквори мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”, “Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат” ва “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯроквори”, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақоми давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдоро дар қисми ташкил ва гузаронидани мониторинги сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯроквори муайян менамояд, амалӣ карда мешавад.**
**Ташхиси маҳсулоти хӯроквори бо тартиби гузаронидани сертификаткунонии ҳатмӣ, назорати давлатии нақшавии истеҳсолот дар корхонаҳои саноати хӯроквори, назорати нақшавии савдои маҳсулоти хӯроквори ва ҳамчунин, бо тартиби арбитражӣ гузаронида мешавад.**

## Тавсияномаи методии оид ба “Намунагирии маҳсулоти хӯроквори барои ташхисҳои озмоишгоҳ”

Дар ҳолати гирифтани намуна барои гузаронидани сертификаткунонии ҳатмии маҳсулоти хӯроквори ва ашёи хоми ғизоӣ, ҳангоми амалӣ намудани назорати давлатии истеҳсолот дар корхонаҳои саноати хӯроквори ва ба роҳ мондани санҷиши назоратии савдои маҳсулоти хӯроквори истифода бурда мешавад.

## Тартиби намунагирии маҳсулоти хӯроквори

Намунагирӣ марҳилаи аввали гузаронидани экспертизаҳои маҳсулоти хӯроквори, ки барои масрафи муносиби вақт ва воситаҳо муҳимияти намунаҳоро, ки пурра ва саҳеҳияти партияи маҳсулоти ташхисшавандаро (дар ҳолати экспертизаи партия) ё намунаи алоҳида тавсиф медиҳад, таъмин менамояд, талаб карда мешавад.

Миқдори муайяни маҳсулот (партия) маҳсулоти дорои як номгӯй, навъ ва номгӯй, ки дар як басти корӣ коркард шудааст ва бо як ҳуҷҷат дар бораи сифат ба расмият дароварда шуда, дорои маълумоти зерин мебошад: номи корхона – истеҳсолкунанда, тобеият ва суроғаи корхонаи истеҳсолӣ, номгӯи маҳсулот ва санаи коркард, истинод ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, мӯҳлати истеъмолӣ, реҷаи ҳароратии нигоҳдорӣ ва фурӯш.

Маҳсулоти дорои аломатҳои ҳақиқии вайроншавӣ (бо бӯйи тез, нохуш, пӯсиш, тағйирёбии консистенсия, ранг, мавҷудияти мағорҳои чуқур ё вайроншавӣ аз мағор ва ғ), ки дар вақти муоина барои истеъмол нораво ҳисобида шудаанд, мумкин аст дар ҷойи воқеъшавии маҳсулот бе ташхиси озмоишгоҳ ва ҳатман тартиб додани санад бо асосноккунии сабабҳои иллатнокӣ, коркашоям ҳисобида шаванд.

Намунагирии маҳсулоти хӯроквори аз тарафи нозирони раёсати баҳодиии мутобиқат, бо раёсати назорати давлатӣ ва нозирони нозироти савдо гузаронида мешавад. Дар ҳолати гузаронидани назорати истеҳсолӣ намунагирӣ дар якҷоягӣ бо кормандони соҳибихтисоси корхонаи мазкур, ки дорои шаҳодатномаи таълимӣ мебошанд, амалӣ карда мешавад.

Дар ҳолати экспертизаи партияи муайяни маҳсулот тартиби намунагирӣ ва миқдори намунаҳо, ки намунаи санҷидашавандаи маҳсулоти хӯроквориро таъмин менамоянд, мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ муайян карда мешавад.

Тартиби намунагирии маҳсулоти хӯроквори барои экспертизаи миқдори муайяни маҳсулот (партия), ҷудо намудани партияҳои якхела, муайян намудани миқдор ва гирифти намунаҳо, ташкили якҷоякунии намунаҳо ва гирифтани намунаҳои миёнаро аз онҳо, ки ба озмоишгоҳи ташхисӣ фиристонида мешаванд, дар бар мегирад.

Ҳангоми гузаронидани ташхиси намунаи маҳсулоти хӯроквори дар доираи назорати давлатӣ, сертификаткунонии ҳатмӣ ва назорати савдо барои таҳқиқи озмоишгоҳӣ як қисми намунаҳои якҷояшудаи маҳсулот фиристода мешавад.

Хулоса, оид ба намуна барои баҳодиҳии партия асос ба ҳисоб намеравад.

Намунаҳои маҳсулот барои ташхисҳои микробиологӣ то намунагирӣ барои ташхисҳои физикӣ-химиёвӣ ва органолептикӣ гирифта мешаванд. Намунаҳои маҳсулоти хӯроквориро ба таври асептикӣ, ки олудашавии микробии маҳсулотро аз муҳити атроф истисно менамоянд, мегиранд. Намунаҳоро дар зарфҳои тамйизшуда, гарданаҳое, ки қаблан дар алангаи сархона бо ёрии асбобҳои тамйизшуда сӯзонида шудаанд, гирифта мешаванд.

Намунаҳои дар шакли қуттӣ, банкаҳо, бандчаҳо ва ғайраро дар қоғази мустаҳкам печонида бо ресмон мебанданд. Намунаҳое, ки аз маҳсулоти баркашшаванда (дар зарфҳои интиқолӣ, қуттиҳо, халтаҳо, котейнерҳо ва ғ.) гирифта шудаанд дар банкаҳои тозаи хушки шишаашон тозашуда ё дорои сарпӯшҳои резинӣ ҷой карда мешаванд, ё дар қоғази ғафс (пергамент), селлофан, плёнкаҳои полимерӣ мепечонанд, ё ин ки дар қуттиҳои пласмасии сарпӯшдор бастабандӣ мекунанд. Намунаҳое, ки шароити махсуси нигоҳдориро талаб мекунанд (ҳарорати паст) дар сумка-яхдон ё бо роҳи гузоштани ях ҷойгир мекунанд. Интиқоли намунаҳои маҳсулоти хӯроквори бояд дар шароите, ки ҳифзи сифат ва бехатарии онҳо тавассути таҷҳизоти махсус дар воситаҳои нақлиёт таъмин мегардад, амалӣ карда шавад.

■ **Ба намунаҳои гирифташуда, ки барои ташхис пешбинӣ шудаанд, санади намунагирӣ тартиб дода мешавад, ки дар он сабтҳои зерин нишон дода мешавад:**

*- номгӯи маҳсулот;*

*- номи корхона – истеҳсолкунанда ва ҷойи воқеъшавии он;*

*- санаи истеҳсол;*

*- сана ва ҷойи намунагирӣ;*

*- вазни намуна;*

*- ҳаҷми партияе, ки аз он намуна гирифта шудааст;*

*- барои кадом ташхисҳо (ё усулҳои ташхис);*

*- аз рӯи кадом ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ё СБД-ҳо намуна гирифта шудааст;*

*- ному насаб ва имзои шахсе, ки намуна гирифтааст;*

*- ному насаб, вазифа ва имзои намояндаи корхона (соҳибкор, фурӯшанда), ки дар иштироки ӯ намуна гирифта шудааст.*

Дар ҳолати ихтилофот байни озмоишгоҳи ташхисӣ ва истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда), ё корхонае, ки маҳсулотро ба фурӯш баровардааст, намунагирии такрорӣ бо ҳаҷми ду баробар зиёд гузаронида мешавад.

Меъёрҳои намунагирии ашёи хоми озуқаворӣ ва маҳсулоти хӯроквори дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ муқаррар шудаанд.

Намунагирӣ барои экспертиза аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд аз ҷониби нозири Тоҷикстандарт бо иштироки истеҳсолкунанда (соҳибкор, фурӯшанда) ва намояндаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда шавад.

**Таҳияи**
**Мурод АШӮРОВ**



## ◁ТАВСИЯ▷

### МАСЛИҲАТҲОИ АМАЛӢ БАРОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

***Дар мавриди харидории мол бояд дар назар дошт:***

### ПЕШ АЗ ХАРИДОРИИ МОЛ:

Дастури пешниҳоднамудаи соҳибони молро дар хусуси моли пешниҳодшуда бодиққат хонда бароед (номгӯи мол, миқдор, нарх, мӯҳлати истифода, мӯҳлати кафолат, оқибатҳои номатлуб, тарзи иститфода ва ғайра);

- ба зебоии қуттиҳо, расмҳои рекламавии онҳо дода нашавед, зеро на ҳамеша қуттии зебо нишони хушсифатии мол аст;

- ҳангоми интихоби мол ба саросемагӣ роҳ надиҳед, аз фурӯшанда маслиҳат пурсед (соҳиби мол вазифадор аст ба Шумо тарзи истифода ва ба кор андохтани ашёро фаҳмонад);

- арзиши (нархи) мол бояд дар ҷои намоён ва хоно навишта шуда бошад;

- ҳар чизеро, ки бо ҳарфҳои хурд навишта шуда бошад, бодиққат хонед, зеро аксаран ин навиштаҷот метавонад чизи муҳим бошад;

- ба эълони «Моли фурӯхташуда иваз карда намешавад» дода нашавед, зеро Шумо тибқи қонун ҳуқуқ доред молеро, ки дорои сифати номатлуб аст, иваз намоед ё ҷуброни онро гиред. Баъзе чизҳои истиснoие ҳастанд, ки иваз карда намешаванд (номгӯи онҳо дар охир оварда мешавад);

- аз фурӯшанда ҳуҷҷат ё чеки хазинаро талаб кунед, ки дар он моли харидаатон, арзиши он ва нуқтаи фурӯш қайд гардида бошад (он аз моли харидаи шумо шаҳодат медиҳад);

- барои моли истифодааш дарозмуддат аз фурӯшанда дастур барои тарзи истифода ва сертификати кафолати онро талаб кунед (сарфи назар аз моли хориҷӣ будани ашё, дастур бояд ба забони давлатӣ бошад).

**Кӯшиш кунед, то фурӯшанда коршоямии молро дар назди Шумо тафтиш кунад.**

***Замони муосир ва рушди ҳаёти инсонӣ зина ба зина талаботи ба худ хосро пайдо кардааст. Яъне бо гузашти вақт башарият тавонист омилҳои беҳтареро барои таъмини ҳаёти шоистаи худ ва дар сатҳи арзанда идома бахшидани зиндагӣ ба роҳ гузорад.***

# НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИФАТ - МУСОИДАТ БА РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ СЕМЕНТБАРОРӢ



Инсоният садсолаҳост, ки барои бунёди манзили худ аз масолеҳи сохтмонии устувор истифода мебарад. Дар ин замон бунёди биноҳоро беистифода аз масолеҳи сохтмонии семент тасаввур кардан номумкин аст. ҶДММ Ҷунтсай Ширкати байналмилалии «Моҳир - семент» низ яке аз чунин корхонаҳоест, ки фаъолияти худро дар доираи стандартҳои байналмилалӣ идома медиҳад ва сементи тамғаҳои 400, 500 ва сулфаттобоварро истеҳсол мекунад. Маҳсулоти ин корхона ба ҷуз дар бозори дохила мақом пайдо кардан, инчунин, ба содирот низ равона гардидааст. Сементи сулфаттобовар бошад барои сохтмони неругоҳи гидроэнергетикӣ истифода мегардад. Аз оғози фаъолият ҳанӯз ин корхона тибқи стандартҳои байналмилалӣ корро ба роҳ монда, меъёрҳои низоми идоракунии сифатро пурра риоя мекунад. Маҳз ҷорӣ кардани низоми идоракунии сифат ба рақобатпазирии маҳсулоти семент боис гардид, ки дар бозори дохиливу хориҷӣ нуфузи худро пайдо кунад. Ҷараёни истеҳсолот пурра аз Маркази назоратӣ, ки бо мониторҳо муҷаҳҳаз аст таҳти назорат қарор дорад ва алоқа таъмин аст. Ин назорат бо мақсадест, ки бехатарии ҳаёти кормандон пурра таъмин бошад ва вазъият дар сеҳҳо дар мадди назар қарор гирад.

Маҳсулоти семент ва сементӣ дар кишвари мо торафт босифату устувор мегардад. Корхонаҳои ватании истеҳсоли семент тамоми тадбирҳоро бар он равона мекунанд, ки маҳсулоти ба бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирро истеҳсол намоянд. Таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи саноат, хосса зимни Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гаштани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои саноат ва рушди босуръати он акнун дар назди тамоми соҳибкорон ва масъулини соҳаи саноати мамлакат вазифаҳои мушаххасро дар пеш гузошт. Ҷорӣ кардани низоми идоракунии сифат дар корхонаҳо сатҳи сифатнокӣ ва бехатарии маҳсулоти сементиро баланд бардошт.

Тавре ки сармутахассиси шуъбаи назорати давлатӣ дар саноати вазнини Агентии Тоҷикстандарт Мирзоюсуф Раҷабов баён дошт, ки таркиби сементи ватанӣ асосан аз ашёҳои хоми маҳаллӣ иборат аст. Барои осон кардани рафти кор бошад, тибқи нақша корхонаҳои семент дар мавзеи манбаи ашёҳои хом бунёд карда шудааст. Алҳол дар ҳудуди ҷумҳурӣ 16 корхонаи истеҳсоли семент мавҷуд аст, ки маҳсулоташон сифатан ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва ба содирот равона гардидааст. Мирзоюсуф Раҷабов, ки солҳост дар ин самт фаъолият дорад, изҳор медорад, ки барои омода кардани хокаи семент асосан аз оҳакsанг, хок ва магнезис - хокаи оҳанреза истифода карда тавассути технологияи замони муосир, ки системаи ягона онро ба маҳсулоти нимхом ва баъдан ба семент табдил меёбад, истифода мекунанд. Ба гуфтаи ин мутахассис дар тамоми корхонаҳои истеҳсоли семент озмоишгоҳҳо мавҷуданд, ки ҳар тамғаи семент дар муддати аз 3 то 28 шабонарӯз пурра озмуда мешавад ва танҳо баъд аз итминони комил пайдо кардан истеҳсоли он амалӣ мегардад.

Гарчанде, ки сифати семент ба талабот ҷавобгӯ бошад, аммо дар рафти сохтмон аз он сохтмончиён дуруст истифода набаранд пас дар чунин ҳолат сифати иншоот паст ва ҳатто хатарноку ноустувор мегардад. Риояи талаботи дурусти семент дар борҷомаи семент бояд ҳатман дарҷ гардад ва маълумоти пурра дар бораи он навишта шавад то харидор аз он тибқи муқаррарот истифода бурда тавонад.

Корхонаҳои истеҳсоли семент стандартҳои байналмилалиро қабул карда дар истеҳсолот самаранок истифода мебаранд, ки риояи ҳар як шарти он талаботи имрӯзи ҷомеа аст. Таъмиру барқарор кардани муҳити тозаи корхона ва атроф, риояи ҳолатҳои санитарӣ, таъмини кормандон бо либоси ягонаи корӣ, баланд бардоштани савияи дониши кормандон, корҳои омӯзишӣ, бехатарии маҳсулоту ҳаёти кормандон ва бо сифати баланд истеҳсол кардани таркиби маҳсулоту расонидани он ба дасти харидор дар доираи қонуну қоидаҳои муайяншудаи стандартҳои байналмилалӣ бояд амалӣ гардад.

Тобовару устувор будани таркиби семент дар бунёди иншооти гуногун нақши асосӣ дорад. Қабл аз ба дасти харидор расонидани семент ин маҳсулоти сохтмонӣ ҳатман аз таҳти назорати озмоишгоҳҳо гузаронида мешавад. Танҳо баъд аз итминони комил пайдо шудан маҳсулот аз корхонаҳои семент ба истеъмолкунанда расонида мешавад.

Дар ҷумҳурии мо то ин дам дар асоси стандартҳои байналмилалии силсилаи ISO 9000 154 корхонаи ватанӣ тибқи 172 сертификат фаъолият мекунад, ки 21-тои он низоми ҳамгирой дорад. Дар 9 корхонаи дигар корҳои сертификаткунанонӣ идома дорад.

Ҷорӣ намудани низоми идоракунии сифат ва корҳои сертификаткунонӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии ISO 9001, ISO 22000, системаи HACCP, системаи менеҷменти экологӣ 14001 ва ISO 45001 ба сомон расонида шудааст.

Маҳз бо сабаби он, ки корхонаҳои истеҳсоли сементи ҷумҳурӣ тибқи низоми идоракунии сифат ва дар доираи стандартҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд, сементи ватанӣ алҳол натанҳо дар бозори дохилӣ, балки берун аз кишвар низ содирот мегардад. Корхонаҳои бузурги истеҳсоли семент, ки асосан дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғду Хатлон бунёд гаштаанд дар соли 2021 4 миллиону 280 ҳазор тонна маҳсулоти босифату бехатар истеҳсол шудааст, ки аз ин миқдор 1 миллиону 236 ҳазору 495 тонна ба Покистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон содирот гардидааст.

Мақсади асосии ҷорӣ намудани низоми менеҷменти сифат дар корхонаҳои саноатӣ ва хизматрасониҳо ин пеш аз ҳама фароҳамсозии шароити мусоид барои тавлиди молу маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, дар оянда пур намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани усулҳои муосир, солимгардонии муҳити зист ва сарфи ашёи хоми истеҳсолӣ, ҳамзамон, тақвияти иқтидории содиротии мамлакат мебошад. Таваҷҷуҳ ба низоми идоракунии сифат дар сатҳи байналмилалӣ ва риояи ҳама шартҳои он шурӯъ аз коркарди маҳсулоти хом то ба дасти истеъмолкунанда расонидани он нишонаи дар амал татбиқ шудани талаботи имрӯзи инсоният аст.

Дар рафти сохтмон дуруст риояи кардани қоидаҳои истифодаи семент барои бақодориву пурқувватии иншоот нақши асосӣ дорад. Камтарин хато ҳангоми сохтмон метавонад ба сифати бинокорӣ осеб расонад.

Дар натиҷаи ҷорӣ намудани «Низоми менеҷменти сифат» дар раванди истеҳсолот, корхона имконият пайдо менамояд, ки дар миқёси байналмилалӣ шарикони боэътимоди худро пайдо намуда, аз ҳисоби сифатнокии маҳсулоташ даромади молиявӣ ва фоидаи иқтисодиашонро афзун гардонанд. Яъне дар натиҷаи татбиқи дурусти низоми менеҷменти сифат, манфиатҳои иқтисодӣ зиёд мегардад. Маҳз дар ин замина таҷҳизоти муосири истеҳсолӣ, ки дар тамоми корхонаҳои семент насб гардидааст, раванди сифат ва корро даҳчанд осон мегардонад. Инчунин, технологияи истеҳсоли семент бо дарназардошти пешрафти илми муосир боз ҳам беҳтар гашта, устувории ин маҳсулоти ҳаётан муҳимро баланд бардоштааст.

Ҷумҳурии мо зина ба зина аз як давлати воридкунандаи семент ба кишвари содиркунандаи он табдил меёбад ва бозори дохилиро ҳам бо маҳсулоти босифату бехатар таъмин месозад.

**Ойгул ОДИНАЕВ**

# БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ ОИД БА БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ




**14 январ дар бинои Агентии Тоҷикстандарт таҳти раисии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯроквори Усмонзода Усмоналӣ Юнусалӣ ва иштироки аъзоёни Шӯро аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ доир гардид.**

Зимни баррасии масъалаи рӯзнома, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Усмоналӣ Юнусалӣ аз фаъолияти мақомоти аъзои Шӯро натиҷагирӣ намуда, аз ҷумла қайд кард, ки тибқи таҳлилҳо дар самти ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти ғизоии ба саломатӣ хатарнок ва пешгирии истеҳсоли маҳсулоти пастсифат дар ҷумҳурӣ ҳоло ҳам фаъолияти мақомоти аъзои Шӯро қаноатбахш нест.

Мавсуф, ҳамзамон, изҳор дошт, ки тайи рӯзҳои охир тариқи воситаҳои ахбори омма садҳо ҳолати ошкоркунии маҳсулоти воридотӣ ва истеҳсоли дохилии пастсифат аз тарафи мақомоти ваколатдор ба намоиш гузошта шуда истодааст. Аз вазъияти ҷойдошта чунин натиҷагирӣ мешавад, ки ҳамоҳангии мақомоти назоратӣ коста шудааст. Пас қабули қарорҳо дар ҷамъомадҳои Шӯро ва таъкидҳо оид ба тақвият додани ҳамкорӣ байни мақомот дар самти ҳимояи бозори истеъмолӣ натиҷаҳои дилхоҳ надодаанд. Бо дарназардошти вазъи ҷойдошта дар ҷаласаи навбатии Шӯро бояд роҳу усулҳои пешгирии воридоти маҳсулоти пастсифати ғизоиро муайян намуда, барои ба роҳ мондани фаъолияти босамар қарор қабул намоем.

Инчунин, дар ин самт Раиси Шӯро аъзоёнро ба масъулиятнокӣ, мунтазам ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагон ва вусъат додани ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалию шариконии рушд ҷиҳати ҳар чи бештар ҷалб намудани сармоягузорӣ ва таъмин намудани мақомот бо таҷҳизоти муосири ташхисӣ даъват намуд.

Сипас, масъулин оид ба таъмини бехатарии маҳсулоти ғизоӣ ва дар ин замина пешгирии воридоти маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва ба саломатӣ хатарнок, ҳолатҳои сироятёбии аҳолӣ аз истеъмоли маҳсулоти дар шароити хона тайёргардида ва дар ин робита тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ тариқи ВАО, боз ҳам тақвият додани назорати истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, таҳия ва таҷдиди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, омӯзиш, таъмини корхонаҳо бо Регламентҳои техникӣ, мустаҳкам намудани ҳамкории мақомоти назоратӣ дар ин соҳа яке аз омилҳои асосии пешгирии воридоти маҳсулоти пастсифат ба бозори истеъмолӣ такмил додани озмоишгоҳҳои ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла қайд гардид, ки ҳоло ҳам ҳастанд соҳибкороне, ки аз кохиш ёфтани санҷишҳо истифода бурда, ба сифати маҳсулоти хӯрокворӣ аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Вобаста ба ин зарур аст, ки ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма тақвият дода шуда, ҳамчунин, та-



риқи сомонаҳои иҷтимоӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ (ҳам истеҳсолкунандагону воридкунандагон, ҳам истеъмолкунандагон) зиёд карда шавад.

Дар идомаи ҷаласа, ҳамзамон, аз ҷониби муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба вазъи паҳншавии штамми нави бемории коронавирус дар ҷаҳон, пешгирии бемориҳои сироятӣ, дар ин замина ҷалб намудани аҳолӣ ба эмгузаронӣ ва риояи қоидаҳои беҳдоштӣ изҳори назар карда шуд.

Дар ҷаласа дар баробари баррасии масъалаҳои пешбинигардида, инчунин, нақшаи кори Шӯро оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ барои нимсолаи якуми соли 2022 мавриди муҳокимаи аъзоён қарор дода шуд.

Дар охир Раиси Шӯро таъкид дошт, ки солҳои охир дар байни аҳолӣ навъҳои гуногуни бемориҳо, ки бевосита ба истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ алоқамандӣ доранд, ба қайд гирифта шудаанд ва моро водор месозад, ки бо масъулияти ҷиддӣ фаъолият намуда корҳоро боз ҳам тақвият диҳем. Бо дарназардошти ин бояд роҳҳои ислоҳи камбудиҳову баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истеҳсолкунандагону истеъмолкунандагонро дарёфт намоем.

**“Стандарт”**

---

# ТАҲИЯИ ЛОИҲАИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## «Дар бораи таъмини ченаки ягона» дар таҳрири нав

**Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутобиқи талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо мақсади такмили қонунгузории соҳаи метрология бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.**

Лоиҳаи қонун аз 6 боб ва 28 модда иборат буда, он ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона муайян намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва иқтисодиёти мамлакат равона гардидааст.

Таҳлили муқаррароти Қонуни амалкунанда “Дар бораи таъмини ченаки ягона” аз 15 майи соли 1997 нишон дод, ки он на ҳамаи паҳлуҳои соҳаро ба танзим дароварда, ба талаботи имрӯзаи стандартҳои байналмилалӣ ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини ченаки ягона ҷавобгӯй намебошад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳое, ки дар соҳаи метрология ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд, мувофиқи мақсад мешуморем, қонун дар таҳрири нав қабул карда шавад.

Дар лоиҳаи қонун таҷрибаи нав дар соҳаи метрологияи муосир - андозагирии воситаи ченак, аттестатсияи воситаҳои ченкунӣ ва санҷиш, пайвастшавии метрологӣ, намунаҳои стандартии хосияти модда (мавод) ба инобат гирифта шудаанд, ки яке аз омили асосии эътирофи байналмилалии соҳа маҳз аз ин раванди вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон, қабули лоиҳаи Қонуни мазкур барои рушди низоми миллии таъмини ченаки ягона мувофиқ ба таҷрибаи байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳи илмию техникии маҳакҳои (эталонҳои) ибтидоии давлатии воҳиди бузургии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳакҳои (эталонҳои) дуюмдараҷа ва кории воҳидҳои бузургӣ мутобиқи талаботи иқтисоди кишвар, таъмини пайвастшавии метрологии маҳакҳои (эталонҳои) миллӣ ва ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳакҳои (эталонҳои) байналмилалӣ ва миллии мамлакатҳои рушдкарда, ҷоннок намудани иштироки озмоишгоҳҳои метрологӣ дар муқоисаҳои байниозмоишгоҳии байналмилалӣ ва минтақавӣ, расидан ба эътирофи тарафайни маҳакҳои (эталонҳои) миллӣ ва сертификатҳои андозагирие, ки институтҳои миллии метрологӣ тавассути созишномаҳои дахлдор, аз ҷумла, CIPM MRA (Мувофиқати эътирофи байниҳамдигарии ҳуҷҷатҳои метрологии институтҳои миллии метрологӣ) ба анҷом мерасонанд ва ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи метрӣ ба сифати аъзои муттаҳидаи конференсияи Генералӣ оид ба ченаку вазн ва ҳамоҳангсозии асоси меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи метрология бо тавсияҳои Ташкилоти байналмилалӣ оид ба метрологияи қонунгузорӣ тавассути ҷоннок намудани корҳо дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавии метрологӣ, кумитаҳои техникӣ ва гурӯҳҳои корӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки тибқи таҷрибаи дигар давлатҳо, аз ҷумла, давлатҳои аъзои ИДМ бо мақсади пурра фарогирии соҳаи метрология ҳамкорӣ дар соҳаи мазкур бо хориҷи кишвар ва эътирофи натиҷаи фаъолияти соҳаи зикргардида (ҳамоҳангсозии кумитаҳои миллии техникӣ бо кумитаи илмии техникии давлатҳои аъзои ИДМ, санҷиши муқоисавии андозагирии воситаҳои ченак) маҳз тавассути қонунгузории соҳа амалӣ карда мешавад.

Лоиҳаи Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, маблағгузории он дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Дар назар аст, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» баъди баррасӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои наздик ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

# ПИСАРЕ ХУСУРИ ПАДАР КЕЛИНЕ ХУШДОМАНИ ХУСУР

Марде қасди худкўшӣ кардан дошт, ки ҳакиме ўро диду гуфт: Чаро худкўшӣ кардан мехоҳӣ?

Мард гуфт: Ман як мушкили печидаи оилавӣ дорам!!!

Ҳаким гуфт: Ҳар мушкиле роҳи ҳалли худашро дорад, ин мушкили худат чист?

Мард гуфт: Як зани бевае гирифтам, ки духтар дошт. Он духтари ҳамсарам ба падарам писанд омаду бо вай издивоҷ кард. Падарам чун бо духтари занам-духтарам издивоҷ кард, ҳамсари духтарам шуду ман амаки падарам!



Вақте занам бача таваллуд кард, ин бача набераи падарам шуд. Ва чун писарам бародари зани падарам, ки холаи писарам холаи манам мешавад, гардид, ин бачаам тағоям шуд.

Аммо вақте зани падарам бача зоид, бачаи ў шуд бародари ман аз падарам ва ҳамзамон, ман шудам бобои бародарам, чун вай набераи занам аз духтараш аст.

Аз баски зани ман бибии бародарам аст, вай бибии ман низ мешавад ва ман ҳам набераи занам мегардам! Дар айни ҳол ман шавҳари бибиам гаштам ва наберааш ҳам, зеро вай - яъне, ҳамсарам бибии бародарам аст. Ба ҳамин тариқ ман бобои бародарам мешавам, бобои худам ва набераи худам ҳам!!!

Ҳаким гуфт: Ба Худо таваккал карда, худкўшӣ кун, Худо худатро ҳам бигираду падаратро ҳам ва ҳам касеро, ки дуввумбора туро суол мекунад!!!



# 5D ДИСКҲО МАЪЛУМОТРО АБАДӢ НИГОҲ МЕДОРАНД

Муҳаққиқон дискҳои 5D-ро ихтироъ кардаанд, ки онҳо имкони миллиардҳо сол нигоҳ доштани маълумотро доранд. Чунин дискҳо метавонанд то 360 терабайт иттилоотро дар худ ҷой дода, ба гармӣ ва сардии то 1000 дараҷа тоб оранд.

Дар чунин дискҳо файлҳоро аз се қабати нанонуқтаҳо таҳия менамоянд.

Гурўҳи олимон аз Саутгемптон, ки таҳиягарони асосии лоиҳаи мазкур мебошанд, дар 5D диски нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар, оптикаи Нютон, Магна Карта – яке аз асноди муҳими конститутсионии Британияи Кабир ва «Инҷил»-ро сабт намуданд. Дар назар аст, ки пас аз чанд сол чунин диск на ҳамчун маҳсули тахайюли олимон ва ашёи таҷрибавӣ, балки меъёри асосии нигоҳ доштани маълумот истифода мегардад.

# Хонед аҷиб аст!

**Дар Арабистони Саудӣ бонке вуҷуд дорад, ки дар он танҳо занҳо фаъолият мекунад.**

х х х

**Давлати ҷавонтарин дар дунё давлати мардумии Судони ҷанубӣ буда, истиқлолияти худро соли 2011 ба даст овардааст.**

х х х

**Ҳамасола беш аз 18 миллион сайёҳ аз шаҳри Лондон дидан мекунанд, ки аз ин ҳисоб тақрибан 19 миллиард доллар ба буҷаи давлат ворид мешавад.**

х х х

**Давлате, ки дар он кўлҳо хеле зиёданд, Канада мебошад. 60 фоизи кўлҳои сайёра дар ҳудуди ин кишвар ҷойгиранд.**

**ҲАҚИҚАТИ ЗИНДАГӢ**

**Зиндагӣ ҳамон лаҳзае сар мешавад, ки мо наздик будани анҷоми онро дарк мекунем.**


## «ТОҶИКСТАНДАРТ» ОГОҲ МЕНАМОЯД!

### *Истеъмолкунандагони гиромӣ!*

Ҳангоми харидории ҳама гуна маҳсулот, бахусус моводи хўрокворӣ ва таому нўшокиҳои гуногун ҳатман ба сифатнокию мўҳлати кафолат, рўзи истеҳсол, мўҳлати истеъмоли онҳо ва дақиқию низоми воситаҳои ченак (тарозуҳо) диққати ҷиддӣ диҳед. Ҳамзамон, пеш аз харидорӣ аз фурўшандагон сертификати мутобиқати маҳсулотро талаб кунед.

Аз харидории молу моводи шубҳанок худдорӣ намоед ва дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои истеъмолиатон (фурўши маҳсулоти ғайристандартӣ, фурўши маҳсулоти мўҳлати истеъмолиаш гузашта, кам чен кардан, кам баркашидан ва ғайра) ба Агентии Тоҷикстандарт муроҷиат намоед.

**СУРОҒА: шаҳри Душанбе, кўчаи Н.Қарабоев 42/2.**
**Тел: 2-33-68-69, 2-33-44-99. Рақами вайберӣ: 988502222**






# Ба нашрияи мо обуна шавед!

**Нашрияи "СТАНДАРТ" ахбору маводи соҳавиро, аз ҷумла, дар самти стандартизатсия, метрология, сертификатсия, савдо ва таъмини сифату бехатарӣ, инчунин, тақвияти ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони молу маҳсулот, субъектҳои хизматрасон ва истеъмолкунандагонро фаро мегирад.**

**Нашрия дар як моҳ 2 маротиба ба табъ расонида шуда, арзиши обунаи он барои як нусха дар як сол 40 сомониро ташкил медиҳад.**

**Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рўзномаи «Стандарт»:**

77669 ш.Душанбе, кўчаи Н.Қарабоев 42/2,
шуъбаи ҶММ «Ориёнбонк», ноҳияи Сино,
МФО 350101369, Р/СЧ 20202972410701000490,
К/С 20402972413691, ИНН 030000230.



Стандарт

**НАШРИЯИ ТАҲЛИЛИЮ ИТТИЛООТИИ «СТАНДАРТ» АЗ МОҲИ ЯНВАРИ СОЛИ 2022-ЮМ НАШР МЕШАВАД.**

**МУАССИС:**
**АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ**

**САРМУҲАРРИР:**
**Мурод Ашўров**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Т. Абдулваҳобзода, Р. Давлатзода, С. Шерзода, М. Сафарзода, Ғ. Муҳиддинов, И. Саъдуллозода**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Фирдавси Абдураҳмон**
*муҳаррир*
**Ойгул Одинаева**
*хабарнигор*
**Сафаралӣ Сатторов**
*саҳифабанд*

**Рўзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №284 соли 2022 номнавис шуда, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар як моҳ ду маротиба чоп мешавад. Нашри маводи рўзнома бе иҷозати идора манъ аст.**

**Нишонаи идора:**
734018, ш. Душанбе, кўч. Н. Қарабоев 42/2,
Тел.: 233-68-69, 233-90-47.

**МСМС ва НС Суғд. Суроға:**
ш. Хуҷанд, кўчаи Ленин 47.
Телефони боварӣ: 8-34-22-408-73.
E-mail: sugdstandard@mail.ru

**МСМС ва НС Хатлон. Суроға:**
ш. Бохтар, кўчаи Вахдат 23.
Телефони боварӣ: 361-71, 361-68, 283-16. E-mail: hatlonstandard@mail.ru

**РСМС ва НС ВМКБ. Суроға:**
ш. Хоруғ. Телефони боварӣ: 93-505-22-11

**РСМС ва НС Кўлоб. Суроға:**
ш. Кўлоб. Телефони боварӣ: 918-80-24-21

**Рўзнома дар чопхонаи «Мега - принт» нашр шудааст.**

**Суроға: ш. Душанбе, кўчаи Борбад 36.**

**Теъдоди нашр: 3000 нусха**